# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «26» 04 соли 2024 № 119/уи ш. Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 33, 34, сархати 2 банди 38 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 январи соли 2024, №01/25-03 “Дар бораи ба Ҳамидова Туфаниссо Маруфовна додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Тибби клиникӣ” бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 3 ва 4 банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Ҳамидова Т. М. пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Базаров Ш.Э.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2024, №5.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ